**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор, Ибодуллозода А.И.**

______________________

«12» 06 соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика)**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. ба шиносномаи ихтисоси илмии 1.1.1. Таърихи илму техника (математика), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таърихи омӯзиши ададҳои сода аз корҳои математикони Юнони Қадим оғоз ёфта, дар тӯли асрҳо тавассути саҳми олимони кишварҳои гуногун такмил ёфтааст. Омӯзиши таърихи назарияи ададҳои сода имконият медиҳад, ки марҳилаҳои асосии инкишофи афкори математикӣ, усулҳои тадқиқот ва нақши олимон дар пешрафти илм амиқтар дарк карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин мавзӯъ на танҳо барои фаҳмидани таърихи математика, балки барои дарки равандҳои рушди илм дар маҷмӯъ низ аҳамияти калон дорад.

Дар шароити муосир аҳамияти назарияи ададҳои сода боз ҳам бештар гардидааст. Агар дар гузашта омӯзиши онҳо асосан хусусияти назариявӣ дошта бошад, имрӯз натиҷаҳои ин соҳа дар технологияҳои иттилоотӣ, амнияти рақамӣ, криптография, рамзгузорӣ ва ҳифзи маълумот васеъ истифода мешаванд. Бисёре аз системаҳои муосири ҳифзи иттилоот ба хосиятҳои ададҳои сода асос ёфтаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи ташаккули ин назария ба фаҳмиши беҳтари заминаҳои илмии технологияҳои муосир мусоидат менамояд.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия Исмоилзода А.Ш. оварда шудаанд, дорои асосноккуниҳои назариявию амалӣ мебошанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот осори олимону математикони давраҳои гуногун оид ба масъалаҳои назарияи ададҳои сода мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди ин назария муайян карда шудаанд.

**4. Навгониҳои илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Дар рисола зимни таҳқиқот натиҷаҳои зерин ҳосил гардидаанд.

- пайдоиш ва инкишофи назарияи ададҳои сода дар осори олимони қадим, бори аввал омӯхта шудааст;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷики асрҳои миёна;
- рушди босуръати назарияи ададҳои сода аз тарафи олимони Аврупои асрҳои XVI-XIX;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ;
- омӯзиши дастовардҳои олимони тоҷик дар замони истиқлолияти давлатӣ оид ба назарияи ададҳои сода.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар сатҳи назариявӣ ва амалияи рушди соҳаи таърихи таълими математика (ададҳои сода) дорои аҳамияти назаррас дорад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада доир ба таърихи пайдоиш ва рушди назарияи ададҳои сода донишҳои мавҷударо такмил дода, тасаввуроти илмиро оид ба марҳилаҳои асосии ташаккули ин бахши муҳими математика васеъ менамоянд. Дар диссертатсия саҳми олимони давраҳои гуногуни таърихӣ дар рушди назарияи ададҳо таҳлил гардида, нақши онҳо дар пешрафти илми математика равшан нишон дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи математика ва назарияи ададҳо истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи ҷамъовардашуда ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълими фанҳои математика, таърихи математика ва назарияи ададҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус,

дастурҳои методӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар истифодаи самараноки натиҷаҳои илмӣ дар соҳаи маориф зоҳир мегардад. Истифодаи маводи таҳқиқот дар раванди таълим метавонад ба баланд гардидани сифати омодасозии мутахассисони соҳаи математика мусоидат намуда, барои рушди захираҳои зеҳнӣ ва иқтидори илмии ҷомеа замина фароҳам оварад. Ин омил дар дарозмуддат ба рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта мусоидат мекунад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар баланд бардоштани сатҳи маърифати илмӣ ва фарҳанги математикӣ ифода меёбад. Омӯзиши таърихи рушди афкори математикӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, эҳтиром ба мероси илмии инсоният ва рушди тафаккури мантиқии омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон мусоидат менамояд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи донишандӯзӣ ва қадршиносии дастовардҳои илмӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Исмоилзода А.Ш. ба натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст овардашуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи математика ва роҳу усули ҳосилкунии ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ, инчунин омӯзиши назарияи ададҳои сода дар саросари ҷаҳон ва барои ҷустуҷуии формулаи умумӣ барои ҳосилкунии ададҳои сода алоқаманд аст, баррасӣ шудаанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллиф Исмоилзода А.Ш. дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда, таҳқиқоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳуми математика, аз ҷумла мафҳуми назарияи ададҳои сода, такмилёбии назарияи ададҳои сода аз замонҳои қадим то муосир фарогир буда, корҳои олимони соҳаи математика оиди назарияи ададҳои сода таҳлил гардидааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 22 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 1 дастури таълимӣ, 1 ёрии методӣ ва 14-тои боқимондаашро маводи

конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки аз ин 2-тоаш маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ, ки хориҷ аз ҷумҳурӣ баргузор гардидаанд, мебошад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Мазмуни диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотии дараҷаи тахассусӣ ҷавобгӯ буда, масъалаҳои асосии вобаста ба таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди назарияи ададҳои содаро фаро мегирад. Дар диссертатсия ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиш ба таври мушаххас муайян гардида, натиҷаҳои бадастомада дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ пешниҳод шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 159 номгӯйро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 191 саҳифаи матни компютерии бо ёрии таҳриргари матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, дорои 7 расм ва 15 ҷадвал мебошад. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳамаи бобҳои диссертатсия умумӣ мебошад.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки диссертатсия аз нуқтаи назари мазмуни, сохтори ва методӣ пурра ва бо сифати баланд ба анҷом расидааст ва барои арзёбии илмӣ ва истифодаи амалӣ ба таври кофӣ асоснок мебошад.

Дар муқаддимаи аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии муайян карда шудаанд.

Боби якум диссертатсия «Назарияи ададҳои сода дар осори олимони тоҷику форс» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб доир ба пайдоиш ва рушди ададҳо, инчунин корҳои олимони қадим ва асримиёнагии тоҷику форс доир ба назарияи ададҳо сухан меравад.

Дар зербоби якум, ки «Пайдоиш ва рушди назарияи ададҳо (ададҳои сода)» ном дорад, доир ба корҳои олимони зиёди замони қадим ба монанди математики юнонӣ Евклид (асри 3 пеш аз милод), ки мавҷудияти маҷмуи беохири ададҳои содаро исбот кардааст ва математик, нуҷумшиноси дигари юнонӣ Эратосфен (солҳои 276-193 то мелод), ки усули одии сохтани ҷадвали ададҳои содаро пешниҳод кардааст, маълумот дода шудааст.

Зербоби дуюм ба «Нақши олимони тоҷику форс дар кашфи назарияи ададҳои сода» бахшида шуда, олимони асримиёнагии форсу

тоҷик, ба монанди Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Собит ибни Қурро, Ибни Ҳайсам, Ал-Форсӣ ва даҳҳо дигарон дар аксар самтҳои илмҳои дақиқ, аз ҷумла дар соҳаи назарияи ададҳои содаи математика таҳқиқоти зиёди илмӣ гузаронидаанд

Боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳвили назарияи ададҳои сода ба Аврупо» унвон гирифтааст, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввал ба «Такмили назарияи ададҳои сода дар осори олимони Аврупо» бахшида шуда, қайд мешавад, ки олимони он давра ба такмилёбии назарияи ададҳои сода диққати махсус зохир намуда, ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гаштаанд. Дар ин самт, дастовардҳои олимони шинохтаи Аврупо ба монанди М. Мерсенн, П. Ферма, Л. Эйлер, Х. Голдбах, Ж.Л. Лагранж, Э. Варинг, Г.Ф. Лейбнитс, Е. Люк, Д.Г. Лемер ва даҳҳо дигаронро қайд намудан бо маврид аст.

Зербоби дуюм ба «Рушди назарияи ададҳои сода дар осори олимони рус» бахшида шуда, дар ин самт дастовардҳои олимони шинохтаи рус ба монанди П.С. Пореский, А. Слудский, В.Я. Буняковский, А. Полинияк, П.Л. Чебишев ва ғайра баррасӣ гардидааст.

Зербоби сеюм, ба «Амсилаҳои муайянкунии ададҳои сода» унвон гирифта, алахусус истифодаи воситаҳои самараноктари ҳисоббарорӣ, барои истифода дар системаҳои компютерӣ бахшида шудааст. Мавҷудияти рӯйхати калони ададҳои сода барои исботи теоремаҳое, ки танҳо ҳамчун идея ё гипотеза таҳия шудаанд, ёрии калон мерасонанд.

Боби сеюм, «Таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар Тоҷикистон» ном дошта, ба таҳқиқоти олимони тоҷик дар самти назарияи ададҳои сода дар солҳои истиқлолият бахшида шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби якум «Ташакул ва рушди мактаби илмӣ оид ба назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ» баррасӣ мегардад. Таҳқиқоти илмии И.М. Виноградов, Н.Г. Чудаков, Н.М. Коробов, Ю.В. Линник, А.А. Бухштаб, В.А. Голубев, Л.Г. Шнирелман, А.А. Каратсуба ва дигарон дар назарияи ададҳои сода натиҷаҳои илмии беҳтарин ба шумор мераванд ва ҳар кадоми онҳо дар самти илмии худ бо шогирдонашу пайравон мактаби илмӣ ташкил намудаанд.

Зербоби дуюм доир ба «Корҳои олимони тоҷик оид ба назарияи ададҳои сода дар давраи истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-2020)» бахшида шуда, таҳқиқоти олимони тоҷик, монанди академик Раҳмонов З.Ҳ., профессорон Файзиев Р.Ф., Элнатанов Б.А., Хайруллоҳзода Ш.А., Собиров А.Ш., Чориев У. ва шогирдони академик Раҳмонов З.Ҳ.

Шокамолова Ҷ.А., Фозилова Д.М., Раҳимов А.О., Мирзораҳимов Ш. Ҳ., Хокиев Д.Ҷ., Нозиров О.О., Собиров А.А. ва ғайра доир ба назарияи ададҳои сода, дар бар мегирад. Дар давраи истиқлолият дар Тоҷикистон такия ба корҳои олимони рус ва дигар мамолики хориҷӣ таҳқиқоти худро дар соҳаи назарияи ададҳо идома додаанд ва ба натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардиданд.

Ҳар як боб бо хулоса ҷамбаст карда шудааст, дар охир хулосаи умумӣ ва тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» (Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №493) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Натиҷаҳои бадастомада эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастӯрамал аз ҷиҳати илмию таърихӣ асоснок карда шуда, дар сатҳи зарурӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявию таърихӣ ва амалӣ, таъмин аст.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб - Исмоилзода А.Ш. ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) мувофиқат мекунад. Муаллифи диссертатсия мазкур Исмоилзода А.Ш. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Исмоилзода А.Ш. кори бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳамияти зарурии илмӣ аст.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандонаи диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияи ҷузъӣ доранд холӣ нест.

1. Агар дар бораи дастовардҳои илмии олимони асримиёнагии тоҷику форс диққати зиёдтар дода мешуд, арзиши рисола боз баланд мегардид.
2. Дар бораи арзёбии натиҷаҳои илмии олимони тоҷик дар солҳои истиқлолият аз ҷониби олимони хориҷӣ маълумот оварда нашудааст.

3. Дар рисола баъзе хатогиҳои имловию техникӣ вомехӯранд.

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирфтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертат самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия табқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асосонок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулоса, диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 -79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод гардидаст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» Чориев Умедулло омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (қарори № 11 аз 11-ҳуми июни соли 2026).

**Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар.**
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 17 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи алгебра
ва назарияи ададҳо, номзади илмҳои
физика-математика Қамариддинзода З.Н.

Ташхисгар, номзади илмҳои физика-математика,
профессори кафедраи алгебра
ва назарияи ададҳо Чариев У.

Котиби илмии ҷаласа: Шомуродзода Б.Р.

Имзоҳои Қамариддинзода З.Н., Чориев У., ва Шомуродзода Б.Р.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.М.

Суроғаи муассисаи пешбар: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел: +992 (37) 224 13 83;
E-mail: info@tjpu@mail.tj.
«12» 06 соли 2026